**ХУЛОСАИ**
**ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-062-И**
**НАЗДИ ДОНИШГОҲИ (СЛАВЯНИИ) РОССИЯ ВА ТОҶИКИСТОН**
**АЗ РӮЙИ ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ**
**ДОКТОРИ ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ**

Парвандаи аттестатсионии №_______
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 30 – уми декабри соли 2025, № 29

Барои сазовор донистани Муртазозода Ораз, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ.

Диссертатсияи Муртазозода Ораз дар мавзуи «Такмили системаи идоракунии рушди инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология, амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ба ҳимоя 26-уми сентябри соли 2025 (протоколи №24/1) аз тарафи шурои диссертатсионии 6D.КОА-062-и назди Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, кӯчаи Мирзо Турсунзода, 30), ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25-уми апрели соли 2025 №168/шд ташкил гардидааст, барои ҳимоя қабул карда шуд.

Муртазозода Ораз, 25-уми апрели соли 1986 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва миллаташ тоҷик мебошад.

Соли 2003 Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи Президентӣ барои хонандагони болаёқати Тоҷикистон»-ро хатм кардааст. Дорои маълумоти олӣ буда, соли 2008 Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, факултети иқтисодиёт ва менеҷментро бо ихтисоси молия ва қарз хатм намудааст.

Соли 2019 рисолаи номзадии худро дар мавзуи «Такмили механизми ташкилӣ-иқтисодии рушди низоми инноватсионии саноатии минтақа (дар асоси маводҳои минтақаи марказии Ҷумҳурии Тоҷикистон), зери роҳбарии илмии д.и.и., профессор Мирсаидов А.Б. дар Шурои диссертатсионии Д 999.020.02 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳимоя намуда, соҳиби дипломи номзади илмҳои иқтисодӣ гардидааст.

Фаъолияти меҳнатии худро соли 2008 дар вазифаҳои гуногун оғоз намудааст.

Аз соли 2021 то соли 2025 докторанти кафедраи иқтисодиёт ва ташкили соҳибкории Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон буд.

Аз 18-уми июли соли 2024 – Муовини якуми директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият менамояд.

Тибқи банди 13 «Низомномаи Шурои диссертатсионӣ» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 ) ва банди 14 «Тартиби додани розигӣ ба шахсони мансабдори давлатии ҳокимияти давлатӣ ва хизмати давлатӣ барои таълиф ва ҳимояи диссертатсия» (Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 августи соли 2021, таҳти № АП–98) барои ҷамъбасти ниҳоии натиҷаҳои илмӣ ва ҳимояи диссертатсияи докторӣ 28 майи соли 2025 бо ариза ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат намудааст. Розигии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба ҳимояи рисолаи доктории Муртазозода Ораз аз 10 сентябри соли 2025 таҳти №26/10-49 гирифта шудааст.

Диссертатсия дар мавзуи «Такмили системаи идоракунии рушди инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология, амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, санаи 30-уми декабри соли 2025 дар шурои диссертатсионии 6D.КОА – 062 назди Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон ҳимоя намуд.

Диссертатсия дар кафедраи иқтисодиёт ва ташкили соҳибкории Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон иҷро карда шудааст.

**Мушовири илмӣ:**

**Мирсаидов Аврор Бобоевич –** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини директори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**1. Ашуров Ихтиёр Саидович** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон.

**2. Зияева Манижа Даврановна** – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**3. Қаюмӣ Шаҳзода Таға** – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, директори МД "Маркази такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони системаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ".

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (735500, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, ДДҲБСТ, 17 мкр-н, б.1) дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби ташхисгар доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ризозода Тура Раббим омода карда

шуда, дар ҷаласаи васеи кафедраи иқтисодиёти корхона ва минтақа суратҷаласаи №5 аз 02 декабри соли 2025 муҳокима гардида, аз ҷониби ректори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Мӯминзода Шероз Абдуҷаббор тасдиқ гардидааст.

Дар тақриз хулоса бароварда шудааст, ки таҳқиқоти диссертатсионии Муртазозода Ораз дар мавзуи «Такмили системаи идоракунии рушди инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология, амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ пешниҳод шудааст, ба бандҳои 32, 33, 34, 35 ва 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267) тасдиқшуда ҷавобгӯ буда, дар сатҳи баланди илмию методологӣ омода гардидааст, масъалаи мубрами илмӣ ҳалли худро ёфтааст ва муаллифи он Муртазозода Ораз сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти банди 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267 аз 30 июни соли 2021 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Муҳиммияти амалии таҳқиқот дар коркарди тавсияҳо оид ба такмили механизму воситаҳои идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноат, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти корхонаҳои саноатӣ, истифодаи технологияҳои рақамӣ ва принсипҳои иқтисодиёти «сабз» асос меёбад. Диссертатсияи таҳқиқшаванда, ҷанбаҳои асосноккардашудаи илмӣ ва хулосаву тавсияҳоро доро буда, ба шиноснома аз руйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ мувофиқат мекунад ва муаллифи он Муртазозода Ораз сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ мебошад.

Аз рӯйи маводи диссертатсия 62 кори илмӣ, аз ҷумла 1 монография ва 39 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда нашр шудааст.

## ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

### А) монографияҳо:

**1.** Мирсаидов А.Б. Механизмы формирования и развития инновационных региональных промышленных систем в Республике Таджикистан [Текст] / А.Б. Мирсаидов, О.Қ. Муртазоев // Монография. – Душанбе: Шарқи озод, 2020. – 224 с. ISBN 978-99975-63-47-4

**Б) Интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудааст:**

**2.** Муртазозода О. Нақши экосистемаи саноатии инноватсионӣ дар таъмини амнияти иқтисодӣ ва рушди устувор [Матн] / О. Муртазозода, А.Н. Нуриддинзода // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – Душанбе: ҶДММ «Ҳаёт - 69», 2025. – №3 (91). – С.74 – 92.

**3.** Муртазозода О. Нақши инноватсия дар коҳиши хатарҳои иқтисодӣ [Матн] / О. Муртазозода, З.С. Султонов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2025. – № 2 (57). – С. 243 – 253.

**4.** Муртазозода О. Технологияҳои сабз ҳамчун омили калидии ташаккули экосистемаҳои инноватсионӣ [Матн] / О. Муртазозода // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2025. – № 2 (90). – С.132-144.

**5.** Мирсаидов А.Б. Ташаккули механизмҳои индустрии “сабз” ҳамчун омили рушди устувори иқтисоди миллӣ [Матн] / А.Б. Мирсаидов О. Муртазозода // Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният. – 2025. – № 2 (14). – С. 172 – 185.

**6.** Муртазозода О. Ҳамгироии инноватсионӣ ҳамчун омили ташаккули экосистемаи саноатӣ [Матн] / О.Муртазозода // Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният. – Душанбе: Аржанг, 2025. – № 1 (13). – С.114 – 128.

**7.** Мирсаидов А.Б. Принсипҳои асосии идоракунии рушди инноватсионии низоми саноатӣ [Матн] / А.Б.Мирсаидов, О.Муртазозода // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – Душанбе: Аржанг, 2025. – № 1 (89). – С. 89 – 104.

**8.** Мирсаидов А.Б. Нақши иқтисоди рақамӣ ва фаъолияти инноватсионӣ дар амалисозии ҳадафҳои стратегии кишвар [Матн] / А.Б.Мирсаидов, О.Муртазозода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – Душанбе: ДДТТ, 2025. – №1 (56). – С. 245 – 254.

**9.** Муртазозода О. Арзёбии имкониятҳои рушди инноватсионии низоми саноатӣ ва омилҳои он [Матн] / О.Муртазозода // Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният. – Душанбе: Аржанг, 2024. – № 4 (12). – С. 126 – 141.

**10.** Муртазозода О. Густариши ҳамкориҳои иқтисодии Тоҷикистон бо кишварҳои минтақа дар раванди номутаносибии авзои ҷомеа [Матн] / О.Муртазозода, Ҷ.Б.Салихов // Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният. - Душанбе: Аржанг, 2024. – № 3 (11). – С. 77 – 87.

**11.** Муртазозода О. Душанбе – пешоҳанги рушди саноати ватанӣ ва татбиқи босамари ҳадафҳои стратегӣ / О. Муртазозода // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – Душанбе: Аржанг, 2024. – № 3 (87). – С. 120 – 130.

**12.** Муртазозода О. Механизмҳои маблағгузории рушди устувори корхонаҳои саноатӣ [Матн] / О. Муртазозода, З.С. Султонов, А.М. Худоизода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – Душанбе: ДДТТ, 2024. – №2 (52). – С. 274 – 280.

**13.** Муртазозода О. Таджикистан и Китай: экономические отношения как стратегическое партнёрство [Матн] / О. Муртазозода // Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният. – Душанбе: Аржанг, 2024. – № 2 (10). – С. 115 – 127.

**14.** Толибов Қ.Қ. Саноатикунонии босуръат – заминаи боэътимоди таъмини амнияти иқтисодӣ [Матн] / Қ.Қ. Толибов, О. Муртазозода, З.С. Султонов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – Душанбе: ДДТТ, 2024. – №1 (51). – С. 327 – 332.

**15.** Муртазозода О. Паёми Президент – қадамҳои устувор дар рушди низоми саноати миллӣ ва тақвияти иқтидори содиротии кишвар [Матн] / О. Муртазозода // Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният. – Душанбе: Аржанг, 2024. – № 1 (9). – С.83 – 92.

**16.** Муртазозода О. Таъмини иттилоотӣ – унсури муҳимтарини системаҳои автоматикунонидашудаи корхонаҳои кишоварзӣ [Матн] / О. Муртазозода, М.Х. Идиев // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – Душанбе: Аржанг, 2024. – № 1 (85). – С. 110 – 121.

**17.** Муртазоев О.Қ. Рақамикунонии иқтисоди миллӣ ва равандҳои асосии ташаккулёбии он [Матн] / О.Қ. Муртазоев, Л.М. Ҳалимов, З.С. Султонов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – Душанбе: ДДТТ, 2023. – №4/2 (50). – С. 287 – 294.

**18.** Муртазоев О.Қ. Амалисозии принсипҳои иқтисоди «сабз» дар коҳиш додани тағйирёбии иқлим [Матн] / О.Қ. Муртазоев, Ҷ.Б. Салихов // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – Душанбе: Аржанг, 2023. – № 4 (84). – С. 151 – 165.

**19.** Муртазоев О.Қ. Рушди саноати миллӣ бо дарназардошти татбиқи принсипҳои иқтисоди «сабз» дар мамлакат [Матн] / О.Қ. Муртазоев // Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният. – Душанбе: Аржанг, 2023. – № 3 (7). – С. 83 – 95.

**20.** Муртазоев О.Қ. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ ва рушди саноати миллӣ [Матн] / О.Қ. Муртазоев // Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният. – Душанбе: Аржанг, 2023. – № 2 (6). – С. 80 – 91.

**21.** Муртазоев О.Қ. Нақши минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар саноатикунонии босуръати кишвар [Матн] / О.Қ. Муртазоев, Ҳ. Абдураҳмон //

Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният. – Душанбе: Аржанг, 2023. – № 2 (82). – С. 134 – 144.

**22.** Муртазоев О.Қ. Идоракунии инноватсионии рушди корхонаҳои саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / О.Қ. Муртазоев // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – Душанбе: ДДТТ, 2023. – №1 (45). – С. 7 – 15.

**23.** Муртазоев О.Қ. Рушди низоми инноватсионӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ [Матн] / О.Қ. Муртазоев, Ҷ.И. Бобоев // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар: Матбаа, 2022. – №1/3 (101). – С. 294 – 300.

**24.** Муртазоев О.Қ. Нақши корхонаҳои муштарак дар рушди иқтисодиёти мамлакат [Матн] / О.Қ. Муртазоев // Маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон// Идоракунии давлатӣ. – Душанбе: Шуъбаи таҳрир ва табъу нашр, 2022. – №3(57). – С. 94 – 101.

**25.** Муртазоев О.Қ. Нақши ташкилотҳои қарзӣ дар раванди саноатикунонии босуръати кишвар [Матн] / О.Қ. Муртазоев // Вестник Технологического университета Таджикистана. – Душанбе: ТУТ, 2022. – №3 (50). – С. 207 – 216.

**26.** Муртазоев О.Қ. Самтҳои афзалиятноки корхонаҳои муштарак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / О.Қ. Муртазоев // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – Душанбе: ДДТТ, 2022. – №3 (42). – С. 175 – 180.

**27.** Муртазоев О.Қ. Формирование инновационной экономики как основное направление развития промышленность [Матн] / О.Қ. Муртазоев // Вестник Технологического университета Таджикистана. – Душанбе: ТУТ, 2022. – №2 (49). – С.184 – 191.

**28.** Муртазоев О.Қ. Ҷараёни ҷалби сармоягузориҳои мустақим ба соҳаи саноати мамлакат [Матн] / О.Қ. Муртазоев, З.С. Султонов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – Душанбе: ДДТТ, 2022. – №2 (41). – С. 386 – 393.

**29.** Муртазоев О.Қ. Истиқлолият–заминаи саноатикунонии босуръати кишвар [Матн] / О.Қ. Муртазоев // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – Душанбе: ДДТТ, 2022. – №2 (41). – С. 312 – 318.

**30.** Муртазоев О.Қ. Асосҳои назариявии ташкили корхонаҳои саноати кӯҳӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / О.Қ. Муртазоев // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. –Душанбе: ДДТТ, 2021. – № 4/2 (39). – С. 306 – 312.

**31.** Муртазоев О.Қ. Барномаҳои инноватсионӣ ва дастгирии давлатии дар соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / О.Қ. Муртазоев, Ҷ.И. Бобоев //

Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – Душанбе: ДДТТ, 2019. – №3 (28). – С. 114 – 125.

**32.** Муртазоев О.Қ. Организационные механизмы инновационного развития промышленной системы города Душанбе [Матн] / О.Қ. Муртазоев // Международный научно-практический журнал «Аудит и менеджмент» Общественного института профессиональных бухгалтеров и аудиторов Республики Таджикистан (ОИПБА РТ). – Душанбе, 2018. – №1 (1). – С. 55 – 62.

**33.** Муртазоев О.Қ. Влияние инновационной системы на развитие промышленности в Центральном регионе Республики Таджикистан [Матн] / О.Қ. Муртазоев // Вестник Российско-Таджикского (славянского) университета. – Душанбе, РТСУ, 2018. – № 2 (62). – С.175 – 184.

**34.** Муртазоев О.Қ. Механизмы экономической интеграции субъектов инновационного процесса региональной промышленной системы [Матн] / О.Қ. Муртазоев // Таджикистан и современный мир. – Душанбе: Аржанг, 2018. – № 3 (62). – С. 269 – 279.

**35.** Муртазоев О.Қ. Методические вопросы оценки инновационного потенциала как ведущий элемент механизма инновационного развития региональной промышленной системы [Матн] / О.Қ. Муртазоев // Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук. – Душанбе: Сино, 2018. – № 1. – С. 96 – 104.

**36.** Муртазоев О.Қ. Теоретические основы формирования и развития региональной промышленной системы Республики Таджикистан [Матн] / О.Қ. Муртазоев // Вестник университета. Вестник Российско-Таджикского (славянского) университета. – Душанбе, РТСУ, 2017. – № 4 (60). – С. 158 – 165.

**37.** Муртазоев О.Қ. Перспективы формирования региональных промышленных систем на базе инновационно-промышленных кластеров [Матн] / О.Қ. Муртазоев // Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук. – Душанбе: Сино, 2017. – №2/4. – С. 214 – 222.

**38.** Муртазоев О.Қ. Регионализация государственной инновационной политики в Республике Таджикистан [Матн] / О.Қ. Муртазоев // Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук. – Душанбе: Сино, 2017. – № 2/1. – С. 31 – 35.

**39.** Муртазоев О.Қ. Ретроспективный анализ способов организации инновационной деятельности [Матн] / О.Қ. Муртазоев // Международный журнал «Экономика: вчера, сегодня, завтра». Серия экономических наук. – М., 2016. – № 9. – С. 186 – 194.

**40.** Мирсаидов А.Б., Муртазоев О.Қ. Инновационный потенциал региональных промышленных систем [Матн] / А.Б. Мирсаидов, О.Қ.

Муртазоев // Интернет-журнал «НАУКОВЕДЕНИЕ». – М., 2016. – Том 8. – №2. http://naukovedenie.ru /PDF/ 95EVN216.pdf. – С. 1–10.

**В) Мақолаҳо дар дигар маҷаллаҳо ва маҷмуи маводҳои конфренсия:**

**41.** Муртазозода О. Ташаккулёбӣ ва рушди низоми миллии инноватсионӣ: ҷанбаҳои назариявӣ [Матн] / О. Муртазозода // Рушди менеҷменти инноватсионӣ ва маркетинги рақамӣ: Маҷмӯи маводҳои корнференсияи илмӣ – амалии ҷумҳуриявӣ (ш. Душанбе, 4–5 июни соли 2025). – Душанбе: ДДТТ, 2025. – 184 с. – С. 37 – 43.

**42.** Муртазозода О. Аҳаммияти рақамикунонии иқтисодиёт дар шароити ҷаҳонишавӣ [Матн] / О. Муртазозода // Рушди технологияҳои рақамӣ дар шароити муосир: Маводҳои конференсияи III – юми байналмилалии илмию амалӣ бахшида ба “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илм ва маориф (солҳои 2020–2040)” (ш. Душанбе, 27–28 декабри соли 2024). – Душанбе: ДДТТ, 2024. – 425 с. – С. 189 – 193.

**43.** Муртазозода О. Рақамикунонӣ ва таъмини рушди устувори инноватсионии саноати миллӣ [Матн] / О. Муртазозода // Механизмҳои муосири идоракунии давлатӣ дар шароити номуайянии рушди глобалӣ: назария, амалия, методология ва дурнамои рушд: Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ – назариявии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (ш. Душанбе, 26–уми декабри соли 2024). – Душанбе, 2024. – 657 с. – С. 41 – 49.

**44.** Муртазозода О. Афзалиятҳои рақамикунонӣ дар корхонаҳои саноатӣ [Матн] / О. Муртазозода // Масъалаҳои рушди сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии Тоҷикистон дар шароити ҳозира: Маҷмуи маърӯза ва мақолаҳои илмии конфронсҳо ва мизҳои гирди Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: ҶДММ «Ҳаёт – 69», 2024. – 322 с. – С. 214 – 222.

**45.** Муртазозода О. Арзёбии заминаҳои асосии рушди саноати инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / О. Муртазозода // Масъалаҳои рушди сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии Тоҷикистон дар шароити ҳозира: Маҷмуи маърӯза ва мақолаҳои илмии конфронсҳо ва мизҳои гирди Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: ҶДММ «Ҳаёт – 69», 2024. – 322 с. – С. 18 – 25.

**46.** Муртазозода О. Нақши иқтисоди рақамӣ дар таъмини рақобатпазирии иқтисоди миллӣ [Матн] / О. Муртазозода // Маҷаллаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон “Молия ва ҳисобдорӣ”. – Душанбе, 2024. – №8 (216). – С. 36 – 38.

**47.** Муртазозода О. Вазъи мусоиди таъмини амнияти иқтисодии кишвар [Матн] / О. Муртазозода // Масъалаҳои мубрами сиёсати дохили ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон: Маҷмуи маърузаҳои конфронс ва мизҳои гирди Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Аржанг, 2023. – 404 с. – С. 310 – 316.

**48.** Муртазозода О. Омилҳои самаранокӣ иқтисоди «сабз» дар рушди иқтисоди миллӣ [Матн] / О. Муртазозода // Масъалаҳои мубрами сиёсати дохили ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон: Маҷмуи маърузаҳои конфронс ва мизҳои гирди Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Аржанг, 2023. – 404 с. – С. 268 – 279.

**49.** Муртазоев О.Қ. Состояние товарооборота между Таджикистаном и Афганистаном в последные годы: проблемы и перспективы [Текст] / О.Қ. Муртазоев // Институт Востоковедения Российская академия Наук. Ситуация в Афганистане и её влияние на региональную безопасность: Материалы международной научно-практической конференции (г. Москва, 3 октября 2023 года). ИВ РАН, 2023. –154 с. – С. 56 – 60.

**50.** Муртазоев О.Қ. Рушди устувори иқтисоди рақамӣ дар кишвар [Матн] / О.Қ. Муртазоев, Ҷ.И. Бобоев // Рушди технологияҳои рақамӣ дар шароити муосир: Маводҳои конференсияи байналмилалии илмию амалӣ бахшида ба “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илм ва маориф (солҳои 2020–2040)” (ш. Душанбе, 27–28 декабри соли 2022). – Душанбе: ДДТТ, 2022. – 482 с. – С. 65 – 67.

**51.** Муртазоев О.Қ. Самтҳои асосии татбиқи барномаи инноватсионӣ дар масъалаи саноатикунонии иқтисодиёти Тоҷикистон [Матн] / О.Қ. Муртазоев // Конференсияи таҳлилгарони соҳаи идораи молияи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (ш. Душанбе, 28–уми марти соли 2019 ). – Душанбе, 2019. – №4. – С. 118 – 121.

**52.** Муртазоев О.Қ. Масъалаҳои асосии дастгирии давлатии соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / О.Қ. Муртазоев // Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахшида ба Рӯзи илми тоҷик дар мавзуи «Саҳми илми тоҷик дар татбиқи ҳадафи миллӣ оид ба саноатикунонии босуръати кишвар»: Конференсияи илмӣ – назариявии ҷумҳуриявӣ (ш. Душанбе 12–уми апрели соли 2019). – Душанбе, 2019.

**53.** Муртазоев О.К. Государственная промышленная политика: обеспечение роста производства конкурентоспособной промышленной продукции региона [Текст] / О.К. Муртазоев // Развитие инновационной экономики в Таджикистане и Польше: Сборник материалов международной научно – практической дистанционной конференции (г. Душанбе, 21–22 декабря 2018 г.). – Душанбе: ТГУК, 2018. – С. 118 – 121.

**54.** Муртазоев О.Қ. Инновационная система Республики Таджикистан: состояние и перспективы развития [Текст] / О.Қ. Муртазоев // Наука и молодежь в XXI веке: Сборник тезисов докладов III международной молодежной научно – практической интернет – конференции (г. Полтава, 30 ноября 2018 г.). – Полтава: ПУЭТ, 2018. – С. 81 – 84.

**55.** Муртазоев О.Қ. Совершенствование механизмов государственные поддержки инновационного развития Центрального региона Республики Таджикистан [Текст] / О.Қ. Муртазоев // Таджикистан и современный мир. Актуальные проблемы развития инновационной экономики: Материалы шестой международной научно – практической конференции (г. Душанбе, 20 – 21 июня 2018 г.). – Душанбе, ТГУК, 2018. – С. 313 – 318.

**56.** Муртазоев О.Қ. Организационные механизмы инновационного развития промышленной системы города Душанбе [Текст] / О.Қ. Муртазоев // Международный научно – практический журнал «Аудит и менеджмент»: Общественного института профессиональных бухгалтеров и аудиторов Республики Таджикистан (ОИПБА РТ). – Душанбе, 2018. – №1 (1). – С. 55 – 62.

**57.** Муртазоев О.Қ. Государственная поддержка инновационного развития промышленности на региональном уровне [Текст] / О.Қ. Муртазоев // Развитие рынка финансовых услуг в Таджикистане и Польше: Материалы международной научно – практической дистанционной конференции (г. Душанбе, 26 – 27 декабря 2017 г.). – Душанбе ТГУК, 2017. – С. 106 – 111.

**58.** Мирсаидов А.Б. Кластерный подход – основа инновационного развития региональных промышленных систем [Текст] / А.Б. Мирсаидов, О.Қ. Муртазоев // Наука и молодежь в XXI веке: Сборник тезисов докладов III Международной молодежной научно–практической интернет – конференции (г. Полтава, 1 декабря 2017 г.). – Полтава: ПУЭТ, 2017. – С. 107 –110.

**59.** Муртазоев О.Қ. Повышение роли региональных банков в развитии экономики Республики Таджикистан [Текст] / О.Қ. Муртазоев // Состояние банковской системы Республики Таджикистан в условиях финансового кризиса: Материалы республиканской научно – практической конференции (г. Душанбе, 28 октября 2017 г.). – Душанбе, 2017. – С. 112 – 116.

**60.** Муртазоев О.Қ. Роль инноваций в экономическом развитии страны [Текст] / О.Қ. Муртазоев // Устойчивое развитие инновационной экономики в Таджикистане и Польше: Материалы международной научно – практической дистанционной конференции (г. Душанбе: ТГУК, 23 – 24 декабря 2016 г.). – Душанбе, 2016. – С. 132 – 137.

**61.** Кадырова З.Х. Развитие международной торговли в Республике Таджикистан Актуальные проблемы развития экономики и образования

[Текст] / З.Х. Кадырова, О.Қ. Муртазоев // Материалы третьей международной научно–практической конференции (г. Душанбе: ТГУК, 19 – 20 июня 2015 г.). – Душанбе: Ирфон, 2015. – С. 491 – 495.

**62.** Бобоев Ҷ.И. Состав затрат торговых предприятий [Текст] / Ҷ.И. Бобоев, О.Қ. Муртазоев // Сборник научных исследовательских работ преподавателей ТГУК. – Душанбе: Ирфон, 2010. – С. 324 – 329.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шудаанд аз ҷумла:**

1. **Хушвахтзода Қ.Х. –** Академики АМИТ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, бо чунин эродҳо:

– дар расми 1 муаллиф марҳилаҳои рушди соҳаи саноати Тоҷикистонро нишон дода аст. Аммо дар расми мазкур давраҳои таърихии рушди саноати Тоҷикистони шуравӣ дида намешавад, дар ҳоле, ки як қатор объектҳои саноатии кишвар аз он замон боқӣ мондаанд;

– дар автореферат (саҳифаи 34) муаллиф ҷанбаҳои асосии нақши ниҳодҳои давлатӣ дар идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноатро дида баромадааст (ҷадвали 4). Аммо, мушаххас дар хусуси истифода онҳо дар шароити Тоҷикистон чизе оварда нашудааст;

– дар муқаррароти шашуми ба ҳимоя пешниҳодшаванда, ки арзёбии тарафҳои мусбату манфии консепсияҳои муосири ҳамгироии саноатӣ ва коркарди консепсияи ҳамгироии инноватсионӣ, унсур, мақсад ва афзалиятҳои асосии он дар саноат, тавсифи сохтори муносибатҳои ҳамгироии таҳсилот, илм ва истеҳсолотро дар бар мегирад, принсипҳои ҳамгироӣ дида баромада нашудааст.

2. **Асрорзода У.С.** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ректори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, бо чунин эродҳо:

– дар ҷадвали 2 муаллиф моделҳои асосии рушди инноватсионии кишварҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафтаро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Аммо, дар доираи кори мазкур оид ба мувофиқатии моделҳои мазкур ба шароити Тоҷикистон пешниҳодҳои мушаххас дида намешавад;

– аз нигоҳи муаллиф равиши кластерӣ муҳимтарин воситаи ҳамгироии инноватсионӣ ба ҳисоб рафта, ақидаи мазкур қобили дастгирӣ мебошад. Аммо, аз ҷониби муаллиф дар хусуси механизми ташкилию иқтисодии он бо дарназардошти хусусиятҳои рушди саноати Тоҷикистон чизе оварда нашудааст.

**3. Самандарзода И.Ҳ. –** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур, бо чунин эродҳо:

– сохтори ташкилии соҳаи саноат, ки дар расми 3 оварда шудааст, омилҳои минтақавиро дар бар намегирад;

– принсипҳои муосири идоракунии рушди инноватсионӣ дар соҳаи саноат дар ҷадвали 3 (саҳ.31) дида баромад шудааст. Аммо, дар хусуси вазъи истифодаи онҳо дар саноати кишвар аз ҷониби диссертант дар доираи кор чизе ишора нашудааст.

**4. Аминов И. –** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, бо чунин эродҳо:

– ба андешаи мо, дар автореферат сохтори экосистемаи рақамӣ такмилталаб буда, аз ҷониби муаллиф мутобиқ намудани он ба шароити саноати кишвар сифати корро боз ҳам беҳтар менамуд (саҳ. 54);

– агар муаллиф ҳамчун омили рушди иқтисодиёти сабз, шуғли “сабз” –ро дида мебаромад, сифати расми 17. “Консепсия рушди иқтисоди “сабз” дар соҳаи саноат” боз ҳам беҳтар мегардид.

**5. Исмоилов М.М.** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисодии МДТ “ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров”, бо чунин эродҳо:

– дар расми 2, ки дар он сохтори раванди инноватсионии соҳаи саноат дида баромада шудааст, марҳилаи ниҳоии тадбиқи инноватсия, ки бо омилҳои экологӣ зич вобаста мебошад, дида намешавад;

– муаллиф дар доираи боби 4-уми диссертатсия нақши ҳамгироии инноватсиониро дар рушди саноати кишвар дида баромадааст. Аммо, дар ин ҷо дар хусуси ҳолати муосири ҳамгироии инноватсионӣ дар соҳаи саноати кишвар чизе оварда нашудааст.

**6. Набизода Т.Т. –** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, Вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини Раиси Кумита оид ба иқтисод ва молия, бо чунин эродҳо:

– ба андешаи мо, хусусиятҳои асосии ниҳодҳои давлатӣ дар расми 10 ба инобат гирифта нашудааст (саҳ.34). Агар аз ҷониби муаллиф вазифаи назоратӣ ва ҳавасмандгардонӣ низ илова мегардид, боз беҳтар мешуд;

– дар саҳифаи 39-и автореферат муаллиф нишондиҳандаҳои асосии арзёбии самаранокии низоми идоракунии инноватсионии корхонаҳои саноатро дида баромадааст. Аммо, ба андешаи мо, аз назари муаллиф омилҳои институтсионалӣ, иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва идоракунӣ дур мондааст.

**7. Зиёзода Б.С. –** доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудити ДДОТ ба номи С.Айнӣ, бо чунин эродҳо:

– кор бурд мекард, агар муаллиф дар расми 8, ки асосҳои методологияи идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноат дида баромада шудааст, ҷанбаҳои методологии арзёбии таъсири соҳаи саноат ба муҳити зистро ба инобат мегирифт;

– механизмҳои рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ дар асоси принсипҳои иқтисоди “сабз”, ки муаллиф дар расим 16 овардааст, қобили дастгирӣ буда, аммо такмилталаб мебошад.

**Интихоби муқарризони расмӣ** бо пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ ва бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи масъалаи такмили системаи идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноат, мавҷудияти интишорот дар ин самт ва қобилияти баҳодиҳӣ ва аҳамияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

**Интихоби муассисаи тақриздиҳанда** бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дар самти илмии дахлдор шинохташуда буда, дорои заминаи мустаҳками илмӣ-тадқиқотӣ ва иқтидори зарурии кадрӣ мебошад, ки имконият медиҳад арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

– ***коркард карда шуд*:** ҷанбаҳои назариявӣ ва амалӣ оид ба такмили идоракунии рушди низоми саноатӣ бо истифода аз принсипҳои инноватсионӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот муаллиф модели нави идоракунии инноватсионӣ ва рушди «сабз»-и низоми саноати миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро пешниҳод менамояд. Дар доираи ин модел роҳу усулҳои муосири инноватсионӣ ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии низоми саноат ва равона намудани он ба ҳадафҳои стратегии рушди устувор истифода мешаванд;

– ***пешниҳод шудааст:*** тавсияҳои илмию методӣ оид ба низоми идоракунии инноватсионӣ бо истифодаи роҳу усулҳои системавӣ такмил дода шуда, ҳамчунин ҷалби сохторҳои давлатӣ ва хусусиро дар татбиқи модели индустриалӣ-инноватсионӣ, ҳамгироии илм, таҳсилот, истеҳсолот ва мутобиқсозии низоми саноат бо принсипҳои иқтисоди “сабз” ва Ҳадафи рушди устувор пешниҳод карда шуда шудаанд;

– ***исбот шудааст, ки*** таъсири давлат ва татбиқи таҷрибаҳои пешқадами байналмилалӣ, таъсиси кластерҳо ва инфрасохторҳои инноватсионӣ, инчунин

таъмин намудани муътадил, мақсаднок ва низомманди кадрҳо ва захираҳо, омили калидии рушди инноватсионӣ ва гузариш ба модели индустриалӣ-инноватсионӣ мебошанд;

– ***асоснок карда шудааст, ки*** бо дарназардошти омӯзиш ва таҳлили таҷрибаи пешрафтаи кишварҳои хориҷӣ дар ин самт, зарурати мукаммалгардонии низоми идоракунии рушди инноватсионӣ, муайян намудани меъёрҳо, усулҳои арзёбӣ, такмили институтсионалӣ ва татбиқи моделҳои муосири саноати индустриалӣ-инноватсионӣ ба миён меояд. Ин тадбирҳо ба таъмини рушди самаранок ва устувории саноати миллӣ мусоидат намуда, ҳамзамон ҳифзи муҳити зистро таъмин менамоянд.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо инҳо асоснок карда шудааст:**

– ***асоснок карда шудааст,*** ки сатҳ ва сифати рушди инфрасохтори инноватсионӣ ҳамчун омили калидии баланд бардоштани рақобатпазирии саноат баромад намуда, таъсири мустақим ба самаранокии иқтисодӣ, ҷалби сармоягузорӣ ва татбиқи технологияҳои муосир мерасонад. Дар диссертатсия самтҳои афзалиятноки такмили системаи идоракунии рушди инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи истифодаи технологияҳои рақамӣ ва татбиқи принсипҳои иқтисодиёти «сабз» асоснок гардида, тавсияҳои амалӣ барои корхонаҳои саноатӣ ҷиҳати баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва таъмини рушди устувори соҳаи саноат пешниҳод шудаанд;

– ***усулҳои таҳқиқот.*** Барои ҳалли масоил дар таҳқиқоти диссертатсонӣ усулҳои гуногуни илмӣ, аз қабили усулҳои оморӣ–математикӣ, бисёромила, ҳамчунин, усулҳои ҷадвалӣ, графикӣ ва дигарон васеъ истифода шудаанд;

– ***баён гардидани*** равишҳои системавӣ, оморӣ-математикӣ ва бисёромила, инчунин усулҳои ҷадвалӣ ва графикӣ, ки имкон медиҳанд мушкилоти идоракунии инноватсионӣ ҳамаҷониба таҳлил гардида, натиҷагириҳои асоснок бароварда шаванд. Ҳамчунин, нишондиҳандаҳо ва усулҳои арзёбӣ барои баҳодиҳии самаранокии низоми саноат пешниҳод шудаанд, ки таҷриба ва шароити Тоҷикистонро ба назар мегиранд. Дар диссертатсия асоснок гардидааст, ки рушди системаи саноат бояд бо истифодаи идоракунии инноватсионӣ ва принсипҳои иқтисодиёти “сабз” таъмин гардад. Ҳамзамон, принсипҳо, меъёрҳо ва роҳу усулҳои идоракунӣ, нақши давлат ва сохторҳои институтсионалӣ, зарурати ҳамгироии илм, таҳсилот ва истеҳсолот барои рушди устувори саноат муайян карда шудаанд. Таҳлили таҷрибаи кишварҳои пешқадам ва омодасозии харитаи роҳ барои гузариш ба модели инноватсионии саноат асоси илмии диссертатсияро ташкил медиҳад;

– ***ошкор карда шудааст,*** ки принсипҳо ва механизмҳои идоракунӣ ба рушди системаи саноат ва гузариш ба модели инноватсионӣ мусоидат

мекунанд. Илова бар ин, муайян намудани мавқеи инноватсия, асосноккунии принсипҳо ва механизмҳои идоракунӣ, таҳлили имкониятҳо ва монеаҳо, нақши давлат ва сохторҳои институтсионалӣ, ҳамчунин мукаммалгардонии ҳамгироии илм, таҳсилот, истеҳсолот ва ташкили консепсияи иқтисодиёти сабз дар соҳаи саноат пешниҳод шудааст;

– ***омӯзиши*** вазъи муосир ва тамоюлҳои асосии идоракунии рушди инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз усулҳои таҳлили муосири иқтисодӣ ва арзёбии институтсионалӣ таҳқиқ шуда, ҷанбаҳои заиф ва қавии системаи идоракунии инноватсия дар корхонаҳои саноатӣ ошкор гардида, замина барои ҷорӣ намудани навовариҳо ва технологияҳои муосир фароҳам оварда шудааст;

– ***системаи*** ҳамаҷонибаи идоракунии рушди инноватсионӣ ва сабз, ки рушди технологияҳои муосир, устувории соҳаи саноат, мутобиқшавӣ ба стандартҳои экологии ҷаҳонӣ ва талаботи бозорро таъмин менамояд, пешниҳод карда шудааст.

**Аҳамияти натиҷаҳои ба даст овардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад:**

– ***аҳамияти амалии*** таҳқиқоти анҷомшуда дар он аст, ки хулоса ва тавсияҳои илман асоснокшуда метавонанд аз ҷониби ширкату мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, корхонаҳои саноатӣ, барои такмил додани сиёсати соҳавӣ ва давлатӣ дар самти таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии соҳаи саноат истифода карда шаванд. Дар баробари ин, тавсияҳои мушаххаси аҳамияти амалӣ доштаи таҳқиқотро ҳангоми таҳияи барномаҳо, лоиҳаҳо ва нақшаҳои стратегӣ дар самти рушди инноватсионӣ ва иқтисоди “сабз” дар саноати Тоҷикистон метавон истифода бурд;

– ***натиҷаҳои таҳқиқотии*** методологию назариявии гузаронидашуда, ки аҳамияти амалӣ доранд, ба рушди идоракунии инноватсионӣ дар системаи саноат мусоидат менамоянд, зеро онҳо мавқеи инноватсия ва принсипҳои асосии идоракуниро дар саноат муайян мекунанд, роҳу усулҳои татбиқи инноватсияро бо таҷрибаи ҷаҳонӣ ҳамоҳанг месозанд, имкониятҳои рушди кадрӣ, техникию институтсионалиро нишон медиҳанд ва механизмҳо ва харитаи роҳро барои гузариш ба иқтисоди “сабз” ва рушди устувор пешниҳод мекунанд;

– ***коркард ва ҷорӣ карда шуд:*** натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсонӣ дар тадриси фанҳои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (маълумотномаи № 201 аз 06.12.2024), фаъолияти амалии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (маълумотномаи № 1/2-777 аз 02.12.2024), Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон (маълумотномаи № 15-923 аз 12.05.2025) ва Агентии инноватсия

ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (маълумотномаи № Сод-03-1а/740 аз 13.05.2025) истифода шудаанд;

– ***муайян карда шуд***, ки омӯзишу аз худ намудани таҷриба ва механизмҳои идоракунии рушди инноватсионӣ барои рушди устувори соҳаи саноати миллӣ ва татбиқи принсипҳои иқтисодиёти “сабз” дар Тоҷикистон муҳим мебошад. Таҷрибаи давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон нишон медиҳад, ки рушди самараноки инноватсия дар саноат танҳо бо ҳифзи муҳити ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ, рушди кластерҳо ва инфрасохтори саноатӣ, таҳкими кадрҳо, истифодаи технологияҳои рақамӣ ва арзёбии системавии натиҷаҳо таъмин мешавад. Вобаста ба ин дар диссертатсия пешниҳод карда шудааст, ки бо дарназардошти истифода таҷрибаи кишварҳои пешқадам ҷиҳати мутобиқ гардонидани барномаҳои таълимӣ бо нақшаҳои истеҳсолии корхонаҳои саноатӣ, корҳои назаррас анҷом дода шаванд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон дод, ки:**

– ***назарияи таҳқиқ*** дар заминаи муқаррароти назариявию консептуалии эътирофшудаи илми иқтисодӣ дар самти такмили системаи идоракунии рушди инноватсионии саноат, унсурҳои асосӣ ва рушду ташаккул додани он аз рӯйи методология ва асарҳои олимони иқтисодшинос, аз ҷумла иқтисодчиёни ватанию хориҷии соҳа доир ба масъалаҳои рушди фаъолияти инноватсионӣ ва тақвияти сармоягузориҳо дар соҳаи саноат, идоракунии мақсадноки он дар шароити гузариш ба иқтисоди «сабз», ки таҳқиқи ҷанбаҳои гуногуни он машғул шудаанд, ташаккул ёфтааст;

– ***ғояи таҳқиқот*** дар асоси санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳисоботҳо ва таҳлилҳои Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, стратегияву барномаҳои давлатии сатҳи миллӣ, минтақавӣ ва соҳавӣ, маълумоти расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва созмонҳои байналмилалӣ, монографияҳо, захираҳои иттилоотии Интернет ва дигар нашриёти олимони ватанию хориҷӣ оид ба такмили системаи идоракунии рушди инноватсионии саноати кишвар ва мушоҳидаҳои шахсии муаллиф **асоснок шудааст**;

– ***аслият ва навгониҳои натиҷаҳои таҳқиқот*** бо асосноккунии назариявию методологӣ, истифодаи усулҳои муосири таҳлили илмӣ, коркарди маълумоти расмии оморӣ, омӯзиш ва мутобиқсозии таҷрибаи байналмилалӣ ба шароити Тоҷикистон, инчунин натиҷаҳо дар муҳити илмӣ ва интишори онҳо дар мақолаҳои илмӣ тасдиқ шудаанд;

– ***усулҳои муосири*** ҷамъоварӣ ва коркарди маълумот ҳангоми таҳия намудани ҷадвалҳо, расмҳо ва диаграммаҳо, инчунин дар раванди таҳлил ва арзёбии онҳо бо мақсади коркарди тавсияҳои илмию амалӣ оид ба такмили системаи идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноат истифода шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ.**

Кори диссертатсионӣ натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи илмии муаллиф буда, муқаррароти илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои дар он таҳия ва асоснокшуда, аз ҷониби муаллиф дар асоси гузаронидани таҳқиқи асосҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии системаи идоракунии рушди инноватсионии саноати кишвар анҷом дода шудаанд. Қисми таҳлилии диссертатсия дар асоси коркарди маълумотҳои Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, нашрияҳои матбуоти даврӣ, монографияҳо, маводи конфронс ва семинарҳои илмию амалӣ роҷеъ ба масъалаҳои рақобатпазирии маҳсулоти саноатӣ, захираҳои иттилоотии интернет, матолиби ҳамоишҳои илмӣ ва илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, мизҳои гирд ва коркарду ҳисобҳои худи муаллиф, инчунин, маводи назариявӣ ва таҷрибавӣ дар монографияҳои муаллифони ватанӣ ва хориҷӣ мавҷудбуда, инчунин таҳқиқоти мустақилонаи муаллиф дар ин самт гузаронидашуда, ба анҷом расидааст.

Муқаррароту хулосаҳо ва нуктаҳои муҳимми диссертатсия дар конференсияҳо ва семинарҳои ҷумҳуриявию байналмилалии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, инчунин дар форумҳо ва конференсияҳои байналмилалии хориҷи кишвар баррасӣ ва тасдиқ шудаанд.

Ҳамзамон, муқаррароти ҷудогонаи натиҷаҳои таҳқиқот аз ҷониби Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (маълумотномаи № 201 аз 06.12.2024), фаъолияти амалии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (маълумотномаи № 1/2-777 аз 02.12.2024), Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон (маълумотномаи № 15-923 аз 12.05.2025) ва Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (маълумотномаи № Сод-03-1а/740 аз 13.05.2025) истифода шудаанд.

Муқаррароти асосии диссертатсия 62 кори илмӣ, аз он ҷумла 1 монография ва 39 мақолаи илмӣ дар маҷалаҳои илмии аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда нашр гардидааст.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти гузаронидашуда дар конфронсҳои илмию амалии, ҷумҳуриявӣ, байналмилалӣ ва мизҳои мудаввар дар солҳои 2016-2025 баргузор гардидаанд, аз ҷониби муаллиф ба тариқи маърӯза баён гардидаанд.

Илова бар ин, муаллиф зарурати мутобиқсозии сохтори саноатро ба талаботи иқтисодиёти муосири мамлакат бо мақсади ташкили экосистемаи рақамӣ мунтазам мавриди таҳқиқ қарор дода, натиҷаҳои ба даст омада ҳангоми коркарди гузоришҳои таҳлилии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор додааст.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-062 аз санаи 30.12.2025 қарори сазовар донистани Муртазозода Ораз бо дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 9 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 8 нафар докторони илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 9 нафар иштирокдоштагон дар маҷлис, ки ба шуро шомил ҳастанд 8 нафари бо ҳуқуқи овоздиҳӣ чунин овоз доданд: тарафдор 8 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** ________ **Комилов Сироҷиддин Ҷалалиддинович**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент** ________ **Раҷабова Ильмира Рустамовна**

аз 30-уми декабри соли 2025